Ба Шурои диссертатсионии 6D/KOA-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Дар шароити муосири вусъат ёфтани равандҳои демократикунонӣ масъалаи нақш ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккул ва рушди низоми интихоботӣ аҳаммияти махсуси сиёсӣ ва илмӣ касб намудааст. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун унсури муҳимтарини низоми сиёсӣ дар таъмини робитаи байни давлат ва ҷомеа, ташаккули иродаи сиёсӣ, ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ мақоми калидӣ доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи ҷойгоҳ ва нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботӣ яке аз самтҳои муҳими илми сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар, ки ба таҳқиқи масъалаи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботӣ» бахшида шудааст, аз ҷумлаи таҳқиқоти мубрам ва муҳими илмӣ эътироф мегардад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф кӯшиш намудааст ҷойгоҳ ва таъсири ҳизбҳои сиёсиро дар рушди низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи дигаргуниҳои сиёсии муосир мавриди таҳлилу омӯзиши илмӣ қарор диҳад. Дар шароите, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи таҳкими институтҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро идома медиҳад, омӯзиши фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар равандҳои интихоботӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи муҳими намояндагии манфиатҳои иҷтимоӣ ва иштирокчии асосии маъракаҳои интихоботӣ дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва таҳкими демократия нақши назаррас доранд.

Муаллиф тавонистааст робитаи байни рушди низоми ҳизбӣ ва такомули равандҳои интихоботиро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мантиқӣ ва пайдарпай таҳлил намояд. Хусусан, таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба масъалаҳои ташаккули системаи бисёрҳизбӣ, иштироки ҳизбҳо дар интихобот ва таъсири онҳо ба суботи сиёсӣ аҳаммияти махсус дорад.

Муаллиф дар таҳқиқот аз доираи васеи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ истифода намуда, масъалаи таҳқиқшавандаро аз мавқеи назарияҳои гуногуни сиёсатшиносӣ таҳлил кардааст. Дар автореферат осори олимони маъруфи ғарбӣ, рус ва тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси онҳо таҳлили муқоисавии масъала ба роҳ монда шудааст. Ин ҳолат аз сатҳи хуби омодагии назариявии муҳаққиқ шаҳодат медиҳад.

Асоси методологии таҳқиқот низ мувофиқи талаботи корҳои илмии сиёсӣ интихоб гардидааст. Истифодаи методҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, контент-анализ ва методҳои миқдориву сифатӣ ба муаллиф имконият додааст, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар системаҳои интихоботӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор диҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаи нақши ҳизбҳои сиёсиро дар ташаккули низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи равандҳои муосири сиёсӣ таҳлил намуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳоро пешниҳод кардааст. Хусусан, таҳлили омилҳои таъсиррасон ба рушди системаи ҳизбӣ ва муайян намудани дурнамои такмили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷанбаҳои муҳими илмии таҳқиқот ба ҳисоб меравaнд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мазмуни илмӣ дошта, бо вазифа ва мақсади таҳқиқот мувофиқ мебошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқ аз таҳлили илмии масъала бармеоянд ва метавонанд дар такмили қонунгузории интихоботӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

Ҳамзамон, ҳамчун эроди илмӣ метавон қайд намуд, ки:

1. Дар баъзе мавридҳо муаллиф ҳангоми таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имконияти истифодаи таҳлили муқоисавии амиқтарро дошт, аммо истифода накардааст.

2. Хуб мешуд агар масъалаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои рақамӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботӣ васеътар баррасӣ мегардид.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.с., муовини декан оид ба
илми факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ________________Ҷобиров И.Ф.

Имзои И.Ф. Ҷобировро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ________________ Насурдинзода А.Н.

11.05.2026

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел: +992(37)224-17-86
E-mail: Iqbol 1990.@mail.ru